**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Убайдзода Қандили Нусрат дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) пешниҳод шудааст.**

Бо назардошти вазъи кунунии иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дар марҳилаҳои аввали гузариш ба саноатикунонии босуръати миллӣ ва эҳёшавии соҳаҳои нави истеҳсолот қарор дорад, соҳаи саноат яке аз соҳаҳои муҳими иқтисоди миллӣ маҳсуб ёфта, таъмин намудани рушди он яке аз вазифаҳои афзалиятнок ба шумор меравад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ нақши стратегии идоранамоии рушди иқтисодӣ - иҷтимоии кишвар баланд гашта, мақсади асосӣ - интихоб ва амалигардонии афзалияти стратегии рушди устувор дар асоси технологияи муосир мебошад, ки дар худ шаклҳои нави хоҷагидориро (кластерҳо, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғ.) – ро фаро мегирад. Аммо мушкили идоранамоии стратегии рушди устувор душвор ва бисёрпаҳлӯ буда, ҷалби захираҳои пуливу моддиро дар заминаи суръат бахшидан ба фаъолиятҳои сармоягузорӣ тақозо менамояд.

Муаллифи автореферати диссертатсия Убайдзода Қандили Нусрат масоили маҳдудияти сарчашмаҳои захираҳои сармоягузорӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои онро дар замони муосир мубрам меҳисобад. Албатта, мо ба гуфтаҳои муаллиф розӣ буда метавонем, чунки ҷалб намудан ва истифодаи босамари захираҳои потенсиалии сармоягузорӣ метавонад ба афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ дар бахшҳои иқтисоди воқеии кишвар мусоидат намояд. Дар оянда ин метавонад ба рушди иқтисоди миллӣ ва ташаккули симои мусбии (имиҷи) субъектҳои хоҷагидории он дар бозорҳои байналмилалӣ такkони ҷиддӣ бахшад. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки доир ба масъалаҳои зикргардида муаллиф дар саҳифаҳои 3 - 4 – и автореферат бо пурагӣ маълумот пешниҳод намудааст.

Дар баробари муваффақиятҳои ҷойдошта дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасанд, ки чунинанд:

1. Новобаста ба он, ки натиҷаҳои ба даст омада аҳамияти муҳими амалӣ доранд, муаллиф ба таври кофӣ онро шарҳ надодаст.

2.Муаллиф аз усулҳои оморӣ ба таври васеъ истифода бурдааст, аммо дар қисмати хулоса ҳамаи натиҷаҳои он пурра инъикос нагардидааст.

Албатта, камбудӣ ва нуқсонҳои пешниҳодгардида ҳусну қубҳи автореферати диссертатсияро коста намегардонанд. Автореферат бо таври пурра муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намудааст.

Хуллас, автореферати Убайдзода Қандили Нусрат дар мавзӯи «Фаъолгардонии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ дар асоси равиши кластерӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (саноат) пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи назарияи иқтисодии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Садриддинов Н.Т.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,
тел: (83222) 2-54-81 (83222) 2-22-53 E,mail: bgu-1978@mail.ru

Имзои д.и.и. профессор Садриддинов Н.Т.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.